Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-019-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Давлатзода Комрон Давлат дар мавзуи «Масъалаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии муқовимат бо киберҷиноятҳо: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод шудааст**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Мавзуи диссертатсия нақша, маводи илмию амалии дар диссертатсия истифодашуда, натиҷа, хулоса ва тавсияҳои дар доираи таҳқиқот манзуршуда ба ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, мувофиқат менамояд.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Ҷаҳони муосир бо рушди босуръати муносибатҳои иттилоотӣ, технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва фазои маҷозӣ, инчунин компютеркунонии ҷомеаи башарӣ хос аст. Солҳои наздик шумораи ҳамлаҳои киберӣ афзуда, киберҷинояткорон аз технологияҳои навтарин барои содир кардани кирдорҳои ғайриқонунӣ боз ҳам фаъолтар хоҳанд истифода кард, аз ин рӯ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бояд аз онҳо як қадам пеш истода, аз ҳадафҳои ҷиноятии онҳо бохабар бошанд ва миёни аҳолӣ чораҳои пешгирикунанда андешида, қурбониёни эҳтимолиро, ки нисбат ба онҳо кирдорҳои ғайриқонунӣ дар шакли киберҷиноятҳо содир хоҳад шуд, огоҳ намоянд. Аз ин лиҳоз, ба ниҳодҳои давлатӣ, ки барои фаъолияти технологияҳои

иттилоотию коммуникатсионӣ масъуланд, зарур аст, ки дар якҷоягӣ бо вазорату идораҳо ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ташаббуси барномаҳои пешгирикунандаи баланд бардоштани тасаввурот оид ба амнияти иттилоотиро барои ҳамаи категорияҳои шаҳрвандон ҳамоҳанг созанд.

Муҳимтар аз ҳама, онро бояд дарк кард, ки ба такмили ҳамкорӣ дар самти муқовимат бо киберҷиноятҳо бо шарикони сохторҳои гуногуни ҳифзи ҳуқуқ бояд нақши аввалиндараҷа дода шавад, зеро айни замон эҳтиёҷоти бетаъхир ба миён омадааст, то ки мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар бо талошҳои якҷоя навовариҳои худиро дар самти муқовимат киберҷиноятҳо ворид созанд.

Муаллиф ба маврид зикр менамояд, ки ҳамлаҳои киберӣ аз ҷониби киберҷинояткорон баҳри ба даст овардани маълумоти махфӣ бо мақсади истифода ё бозфурӯшии он ба шахсони манфиатдор нигаронида шудааст (нишондодҳои рақамии бонкӣ, маълумотномаҳои гуногуни воридшавӣ ба сомонаҳои тиҷоратӣ ва ғайра). Чунин амалҳои ҷиноятӣ монанди ирсоли мактубҳои фишингӣ намунаи маъмултарини амалҳои қасдонаи хакерҳо ба ҳисоб меравaнд, ки ба истифодабарандагон зарар мерасонанд, аз ин рӯ, ин тарзи содиршавии ҷиноят бояд ба таври мухтасар баррасӣ карда шавад. Ҳадафи ҷинояткорон ин дуздии маълумотҳои шахсӣ баҳри ба даст овардани маълумоти муқаррарӣ ва идентификаторҳои бонкӣ барои истифода бо мақсадҳои ҷиноятӣ ҳисобида мешавад. Киберҷинояткор ба сифати шахси сеюми боэътимод (бонкҳо, ташкилотҳо, маъмуриятҳо, провайдерҳои интернетӣ ва ғайра) пинҳон шуда, тавассути почтаи электронӣ маълумотҳои бардурӯғро паҳн менамояд. Ин мактубҳо аз қабулкунандагон хоҳиш мекунанд, ки маълумотҳои шахсии худро (ва аксаран бонкиро низ) дар сомонаи қалбакӣ, ки ба он равона карда шудаанд, навсозӣ (тағйир) намоянд. Дар натиҷаи содир гардидани ин кирдори барои ҷамъият хавфнок, маълумоти зарурӣ ба киберҷинояткор дастрас мегардад ва ӯ метавонад маълумоти шахсии барқароршуда, рамз

ва ё нишондодҳои бонкиро ба манфиати худ истифода барад.

Дар садаи XXI рушди назарраси технология ва густариши воситаҳои иттилоотӣ дар баробари омилҳои мусбат барои як қатор соҳаҳои ҳаётан муҳимми ҷомеа мушкилот низ эҷод менамояд, ки ҳалли саривақтии онҳо ба манфиати ҳамагон аст. Ин раванд ба содиршавии киберҷиноятҳо сабаб гардида, шабакаҳои иттилоотию коммуникатсионии интернет на танҳо барои ташкил ва содир кардани киберҷиноятҳо, балки барои баланд бардоштани сатҳи касбии ҷинояткорон мусоидат менамояд. Дар фурсати кӯтоҳтарин миқдори зиёди иттилооти дорои хусусиятҳои кирдори барои ҷамъият хавфнок дар шабакаи Интернет паҳн шуда, фазои иттилоотии муосир имкон фароҳам меорад, ки муҳити номусоиди созгор ба ҷинояткорӣ дар фазои иттилоотӣ ба миён ояд.

Диссертант дуруст қайд менамояд, ки барои он ки фазои маҷозӣ ҳам барои соҳаҳои гуногуни давлатӣ ва ҳам барои тамоми ҷомеа бехатар боқӣ монад, таҳияи маҷмуи чораҳои муҳофизатӣ, ки ба муқовимат бо киберҷиноятҳо равона шудаанд, зарур ҳисобида мешавад. Тадбирҳои мазкур бояд ба баланд бардоштани зиракии мақомоти давлатӣ дар муносибат ба истифодаи маълумотҳои шахсӣ ва таҳияи як қатор чораҳои амнияти рақамӣ, ки барои ҷомеа мутобиқ карда шудааст, асос ёфта бошанд.

Муҳаққиқ хулосабарорӣ менамояд, ки то миёнаҳои асри XXI захираҳои иттилоотӣ ба сарвати миллӣ табдил меёбанд ва самаранокии истифодаи онҳо қудрати иқтисодии кишварро дар маҷмуъ бештар муайян карда, ин гуна ҷиноятҳо ба амияти миллии ҳар як давлат таҳдид мекунад. Имрӯз бисёре аз заминаҳои рақамӣ, аз ҷумла шабакаҳои иҷтимоӣ, арзишҳоеро таблиғот менамоянд, ки пеш аз ҳама, ба насли наврас таъсиррасонанда мебошад, ки ба манфиатҳои миллию фарҳангии кишвари мо мухолифат мекунанд. Баъзе мавридҳо онҳо метавонанд аз ҷониби ниҳодҳои махсуси хориҷӣ бо мақсади таблиғот ва паҳн намудани иттилооти бардурӯғ миёни шаҳрвандони Тоҷикистон истифода шаванд,

ба хусус хурдсолон, ноболиғон ва ҷавонон. Ин мушкилотро ҷомеаи Тоҷикистон низ нодида гирифта наметавонад, зеро усулҳои муосири коркарди хабар ба воситаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва дастрасии васеи технологияи компютерӣ имкон доданд, ки онҳо на танҳо барои мақсадҳои илмӣ, таҳқиқотӣ ва таълимӣ, балки дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ истифода шаванд. Дар баробари ин вусъати истифодаи технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ на танҳо проблемаҳои техникӣ, балки проблемаҳои ҳуқуқиро ба миён овард. Ин масъала, ки барои қонунгузори ватанӣ нав аст, дар айни замон ҳалли пурраи худро пайдо накардааст ва бо иттилоотикунонии ҷомеа, он торафт тезу тундтар мегардад. Қайд кардан зарур аст, ки аз ҷиҳати механизми худ, тарзҳои содир намудан ва рӯпӯш кардани киберҷиноятҳо хусусиятҳои муайян доранд, аз ҷумла бо дараҷаи баландтарини таъхирнопазир ва паст будани ошкоршавӣ хос мебошанд. Намуди зоҳирии ин кирдорҳои ба ҷамъият хавфнок, воқеан мақомоти ҳифзи ҳуқуқро, ки барои муқовимат ба ин падидаи нави иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ ба таври кофӣ омода набуданд, ба ҳайрат овард, зеро аз сабаби мавҷуд набудани тавсияҳои амиқи илмӣ ва амалӣ оид ба ошкор, ҳуҷҷатгузорӣ ва тафтиши киберҷиноятҳо монеаи ҷиддие садди роҳи мубориза бо ин ҷиноят гардидааст (саҳ. 8-9).

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Натиҷаҳои таҳқиқот дар доираи талабот ба диссертатсияҳо мутобиқи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 муайян карда шудаанд, таҳия гардидааст. Диссертатсия кори мустақили илмӣ-тахассусӣ ба шумор рафта, натиҷаи он барои рушди илм ва қонунгузории ҷиноятӣ заминаҳои заруриро фароҳам меорад. Диссертатсия бо услуби илмӣ навишта шудааст, ягонагии дохилӣ дорад, дорои натиҷаҳо ва нуктаҳои навини илмии барои ҳимояи ошкоро пешниҳодшаванда мебошад, ки онҳо дар бораи саҳми

шахсии муаллифи диссертатсия дар илм шаҳодат медиҳад. Дар диссертатсия маълумот оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои илмии аз тарафи муаллифи диссертатсия бадастовардашуда ва тавсияҳо оид ба истифодаи хулосаҳои илмӣ оварда шудаанд. Роҳи ҳалли масъалаҳои пешниҳоднамудаи муҳаққиқ асоснок ва сазовор ба баҳои мусбат мебошанд. Муаллиф проблемаҳои хоси соҳаро баррасӣ кардааст. Таҳлилҳо, хулосаҳо, тавсияҳо ва баҳсҳои илмии диссертант аз мавқеи мустқили ӯ дарак медиҳад. Ном, нақша ва услуби диссертатсияи доктории Давлатзода Комрон Давлат ягонагии дохилӣ дорад ва пайдарҳаму мантиқона ифода шудааст. Натиҷаҳои бадастовардаи диссертант аз ҷанбаи илм хусусияти назариявӣ дошта, барои рушди илм ва таҳқиқотҳо дар ин самт шароити мусоид фароҳам меоварад. Аз ҷониби дигар, онҳо хусусияти амалӣ дошта, барои такмил додани қонунгузории ҷиноятӣ дар самти муқовимат бо киберҷиноятҳо мусоидат менамоянд. Тавсияҳои онро метавон дар қонунгузории амалкунанда, дар барномаҳои давлатӣ ва барномаҳои таълимӣ ба таври васеъ истифода бурд. Нуктаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои амалие, ки дар диссертатсияи доктории Давлатзода Комрон Давлат манзур карда шудаанд, метавонанд дар таҳияву таҷдиди қонунгузории ҷиноятӣ, омодасозии стратегия, барнома ва консепсияҳои давлатӣ саҳмгузор бошанд. Аз ин рӯ, мавзуи рисолаи илмӣ ва натиҷаҳои он барои дар амал татбиқ шудани «Барномаи давлатии муқовимат ба ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030» ва «Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» мусоидат менамояд.

Ба ҳимоя муқаррароти илмии зерин пешниҳод гардидаанд, ки онҳо навгониҳои таҳқиқоти диссертатсияро ифода месозанд:

1. Муаллиф қайд менамояд, ки марҳилаи аввали пайдоиши вирусҳои компютерӣ ҳамчун воситаи содир намудани киберҷиноятҳо замоне, ки вируси Creeper (солҳои 1960-1970) дар шабакаи ҳарбии компютерии

Амрико ARPANET (INTERNET) кашф шуд, оғоз ёфт. Барои нест кардани вируси мазкур аввалин барномаи антивирусии Reeper ихтироъ карда шуд. Таъиноти вируси ARPANET (INTERNET) дар он буд, ки вирусҳои зараровokарро ошкор ва безарар намуда, сипас ба таври дахлдор худ низ нобуд мегардид. Бинобар сабаби махфӣ будани он аз ҷониби департаменти низомии ИМА, дар бораи ин ҳодиса то ҳол маълумоти дастрас ва боэътимод мавҷуд нест (саҳ. 36).

2. Дар нуктаи дигари ба ҳимоя пешниҳодшаванда, муаллиф лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амнияти киберӣ»-ро пешниҳод намудааст, ки дар он бо мақсади таъмини амнияти иттилоотӣ аз ҳамлаҳои киберӣ муқаррароти умумӣ оид ба амали қонун, танзими давлатии амнияти киберӣ, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои давлатӣ оид ба таъмини амнияти киберӣ, ҳодисаҳои амнияти киберӣ, объектҳои инфрасохтори муҳимми иттилоотӣ, дастгирӣ ва рушди таъмини амнияти киберӣ, ҳамкории байналмилалӣ дар самти амнияти киберӣ ва дигар самтҳои муҳимми танзими ҳуқуқӣ пешбинӣ карда шудааст (саҳ. 119-120).

Лоиҳаи пешниҳодшудаи мазкур ҳамчун усули таъмини амнияти иттилоотӣ пурзӯр намудани фаъолияти мақомоти иҷроия оид ба ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла пешгирӣ ва рафъи ҳуқуқвайронкуниҳо дар соҳаи иттилоот, инчунин ошкор, тафтиш ва ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахсонеро, ки ин кирдориҳои барои ҷамъият хавфнокро содир намудаанд, пешбинӣ менамояд.

3. Муаллиф бар он ақида аст, ки ба сифати субъекти ҷиноятҳое, ки ба муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS) равона гардидааст, дилхоҳ шахси воқеӣ ва мукаллаф шуда метавонад (яъне субъекти умумии ҷиноят), ки дар вақти содир кардани ҷиноят ба синни 14 расидааст. Шахсони синни 14-19-сола дар даврони муосир истифодабарандагони шабакаи «Интернет» ва

соҳиби дастгоҳҳои компютерӣ (телефонҳои мобилӣ, смартфонҳо, ноутбукҳо, планшетҳо ва ғайра) буда, дониш, маҳорат ва малакаҳои зарурии кор бо ТИК-ро доро мебошанд. Бинобар ин, онҳо барои иҷро намудани тарафи объективии таркиби ҷинояти баррасишаванда аз нигоҳи назариявӣ ва амалӣ имкон доранд. Диссертант зарур мешуморад, ки ба қисми 2-и моддаи 23-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (оид ба синну соли ҷавобгарии ҷиноятӣ) бо таркиби ҷиноятҳое, ки дар моддаҳои 300 ва 303-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, илова ворид карда шавад ва ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ин гуна ҷиноятҳо аз синни 14-солагӣ муқаррар карда шавад (саҳ. 248-250).

Оид ба масъалаи субъекти ҷиноятҳо ба муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS) дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ фикру ақидаҳо зиёд буда, мавқеи ягонаву мушаххас ҷой надорад. Дар асоси таҳлили андешаҳои зикргардида ва баррасии субъекти ҷиноятҳо ба муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS) метавон қайд кард, ки шахси воқеии мукаллаф, баъди расидан ба синни 14-солагӣ аҳаммияти иттилооти компютерӣ, шабакаҳои компютерӣ ва ТИК-ро дарк мекунад ва қоидаву усулҳои истифодаи онҳоро медонад.

4. Дар рисола муаллиф иброз медорад, ки объекти ҷиноятҳо муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо ба гурӯҳҳои зерин тақсим карда шавад:

– объекти намудии ҷиноятҳо муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зарраровар ва ҳамлаҳои DoS)-ро, муносибатҳои муҳимми ҷамъиятии бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшаванда дар соҳаи бехатарии таҳия, истифода ва паҳнкунии иттилооти компютерӣ, захираҳои иттилоотӣ, системаҳои иттилоотӣ ва ТИК, ҳуқуқ ва манфиатҳои шахсонӣ воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ҷамъият ва давлат оид ба истифодаи системаи автоматикии коркарди маълумот ташкил

медиҳад;

– объекти бевоситаи ҷиноятҳо муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо вобаста ба хусусияти худ ҳамчун намуди киберҷиноятҳо фарогири ду объект мебошад:

а) объекти асосии ин ҷиноятҳо бевосита муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии соҳибони иттилооти компютерӣ ва танзимгарони системаҳои иттилоотиро дар соҳаи таҳия, коркард, соҳибӣ кардан, паҳн кардан, пешниҳод кардан, истифодаи иттилооти компютерӣ, фаъолияти бехатари компютерҳо, системаҳои компютерӣ, шабакаҳои компютерӣ, системаҳои иттилоотӣ ва шабакаҳои иттилоотию телекоммуникатсионӣ таъмин менамоянд;

б) объекти иловагии ин ҷиноятҳо муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки бо меъёрҳои ҳуқуқ танзим шуда, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахс, ҷомеа ва давлатро таъмин мекунанд (саҳ.178-186).

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Муқаррароти илмии диссертатсия ва натиҷаҳои илмӣ, ки дар бобҳо ва зербобҳо, инчунин хулосаи таҳқиқоти диссертатсионӣ ифодаи худро ёфтаанд, аз асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия пешбинишуда шаҳодат медиҳанд. Ҳамзамон, муаллиф ақидаҳои худро тавассути мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ ба омма пешкаш намудааст. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз он ҷумла нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, заминаи кофӣ ва боэътимоди назариявӣ ва методологӣ доранд. Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсияро корҳои илмии олимони ватаниву хориҷӣ, ки ба масъалаи мазкур бахшида шудаанд, ташкил медиҳад. Заминаҳои амалии тадқиқотро таҷрибаи ватанӣ ва мақомоти давлатии ваколатдор фаро гирифтааст. Асосҳои методологии таҳқиқоти диссертатсиониро усулҳои умуминазариявӣ ва махсуси ҳуқуқӣ ташкил додаанд. Муаллиф хулосаю пешниҳод ва тавсияҳои худро бо сарчашмаҳои ҷадиди илмӣ бо истинод

овардан ба маводи илмӣ ва қонунгузорию корҳои амалӣ асоснок намудааст.

Яке аз нишонаҳои асоснокии гуфтаҳои боло сохтори диссертатсия мебошад. Диссертатсия аз номгӯйи ихтисорот ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, 5 боб, 15 зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиётҳои истифодашуда ва интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат аст.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи коркарди илмии он нишон дода шудааст, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ муайян шуда, объект ва предмет, асосҳои методологӣ ва таҷрибавии таҳқиқот, аҳаммияти назариявӣ ва амалии пажуҳиш муайян ва унсурҳои асосии навгонӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда оварда шудаанд.

Дар боби якуми диссертатсия «Проблемаҳои назариявии муқовимат бо киберҷиноятҳо» масаълаҳои таҳаввулоти вирусҳои компютерӣ ҳамчун омили асосии ташаккули киберҷиноятҳо, мафҳуми киберҷиноятҳо ва таснифи киберҷиноятҳо мавриди омӯзиш ва таҳқиқоти илмӣ қарор гирифтааст (саҳ. 33-90 диссертатсия).

Хулосабарорӣ карда шудааст, ки таҳқиқоти марҳилаи аввали пайдоиши вирусҳои компютерӣ ҳачун омили асосии содиршавии киберҷиноятҳо, дар як қатор кишварҳои ғарбӣ чунин навъҳои киберҷиноятҳо, аз қабили қаллобии компютерӣ (дар замони муосир қаллобӣ дар интернет) ва тамаъҷӯии компютерӣ (дар шароити рушди босуръати ТИК тамаъҷӯӣ дар фазои маҷозӣ бо таҳдиди ифшои маълумотҳои бадномкунанда), ба истилоҳ ҳифзи таҳмилӣ аз системаҳои компютерӣ ривоҷ ёфта, дар қаламрави собиқ Иттиҳоди Шуравӣ солҳои 1979-1991 ва дар кишварҳои Ғарб, ИМА охири солҳои 70-ум аввалин киберҷиноятҳо ба қайд гирифта шуда буд, ки аз ин навъи ҷиноят зарари бузурги моддиро аслан ташкилотҳои қарздиҳию молиявӣ дида буданд.

Ҳамзамон, дар ин марҳила аввалин таҳқиқоти вирусҳои компютерӣ, ки воситаи асосии содиршавии киберҷиноятҳо эътироф мегардад, анҷом дода шуда, аввалин барномаҳои зиддивирусиро таҳия намудаанд.

Диссертант иброз менамояд, ки дар адабиётҳои илмӣ истилоҳи «киберҷиноятҳо» ҳоло дар баробари истилоҳи «ҷиноятҳои компютерӣ» истифода мешавад ва аксар вақт ин мафҳумҳо ҳамчун синоним истифода мешаванд.

Муаллиф қайд менамояд, ки барои таърифи мукаммали ин мафҳуми ҳуқуқӣ дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ корбурди ҷузъи калимаи «кибер» бамаврид аст. Истилоҳи «ҷиноятҳои компютерӣ» вобаста ба мазмуну моҳияти худ фарогирии тамоми ҷиноятҳои ин соҳа буда наметавонад. Мафҳуми «киберҷиноят» (англисӣ – cybercrime) нисбат ба мафҳуми «ҷиноятҳои компютерӣ» хеле васеътар аст, зеро он метавонад дар фазои иттилоотӣ ва технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ (минбаъд ТИК) моҳияти ҷиноятро хеле дақиқ ва пурратар муайян намояд.

Муҳаққиқ дар асоси таҳлили андешаҳои зикргардида ва таҳқиқи адабиётҳои соҳавӣ мафҳуми киберҷиноятҳоро, ки маҷмуи ҷиноятҳоро дар соҳаи шабакаҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ ифода мекунад, чунин пешниҳод менамояд: «киберҷиноятҳо» маҷмуи ҷиноятҳое, ки бо истифода аз воситаҳои барномавӣ-техникӣ ва ТИК дар фазои маҷозӣ бо мақсади ғайриқонунӣ ба даст овардан, тағйир додани иттилоот, несту нобуд ё бекор кардани системаҳо ва захираҳои иттилоотӣ нигаронида шуда, ҷиҳати расонидани зарар ба ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд, амнияти давлатӣ ва ҷамъиятӣ ё муносибатҳои молу мулкӣ равона карда шудаанд.

Боби дуюми таҳқиқоти диссертатсионӣ «Масъалаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятии муқовимат бо киберҷиноятҳо дар сатҳи байналмилалӣ» ном дошта, аз се зербоб иборат мебошад (саҳ. 91-168 диссертатсия).

Муаллиф таъкид менамояд, ки солҳои охир заминаи меъёрии ҳуқуқӣ

ва ҳамкории давлатҳо дар самти муқовимат бо киберҷиноятҳо дар сатҳи байналмилалӣ, байниҳукуматӣ ва байниидоравӣ фаъолона инкишоф меёбад. Дар баробари ин, дар миқёси ҷаҳонӣ то ҳол механизми ягонаи ҳуқуқии ҷиноятии муқовимат бо киберҷиноятҳо дар сатҳи байналмилалӣ вуҷуд надошта, дар ин самт истилоҳоти ягона таҳия нашудааст, ки ин омил ҳамкории давлатҳоро дар ин самт мушкил месозад.

Муҳаққиқ зикр менамояд, ки масъалаҳои таъмини амнияти иттилоотӣ, технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва ҳифзи онҳо аз ҳамлаҳои киберӣ, аз ҷумла тавассути қонунгузории ҷиноятӣ ба танзим даровардани ин самти ҳаётан муҳим, имрӯз дар аксари кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон аз масъалаҳои мубрам ба ҳисоб меравад. Қонунгузории ҷиноятии мамлакатҳои гуногун бо хусусиятҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, идеологӣ, динӣ, фалсафӣ, сарчашмаҳо ва сохти меъёрҳои ҳуқуқ, инчунин дигар омилҳои хусусияти онҳоро муайянкунанда асос ёфтаанд. Таҳлили муқоисавии қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ ва давлатҳои пасошуравӣ барои ошкор кардани рушди умумӣ ва махсуси меъёрҳое, ки ҷавобгариро барои содир кардани чунин ҷиноят пешбинӣ мекунанд, мусоидат менамоянд.

Дар асоси ин гуфтаҳо диссертант хулосагирӣ менамояд, ки дар қонунгузории кишварҳои хориҷӣ барои баррасии ин самти ҷинояткорӣ иқдомҳои зиёде роҳандозӣ шудааст. Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки намудҳои нави киберҷиноятҳо, аз ҷумла: ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютерӣ, вайрон намудани фаъолияти муътадили воситаҳои нигоҳдорӣ, коркард ё интиқоли иттилоот, чун қоида дар боби ҷиноятҳо муқобили шахсият, моликият ё амнияти ҷамъиятӣ баррасӣ карда мешаванд.

Боби сеюм таҳқиқоти диссертатсионӣ «Тавсифи ҳуқуқӣ-ҷиноятии ҷиноятҳо ба муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо» ном дошта, аз се зербоб иборат аст (саҳ. 169-251 диссертатсия).

Муаллиф қайд менамояд, ки проблемаҳои объекти ҷиноятҳо

муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо, аз ҷумла барномаи зараровар ва ҳамлаҳои DoS, дар айни замон хеле баҳсталаб ифода гардида, вобаста ба масъалаи мазкур аз шумораи умумии таҳқиқотҳои анҷомёфта ҳамагӣ 2%-и пажуҳишҳо ба ин самт равона гардидаанд, ки дар шароити бо суръат инкишоф ёфтани технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, воқеан ҳам, нигаронкунанда арзёбӣ мегардад. Дар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи адабиёти илмӣ диссертант иброз менамояд, ки объекти умумии ин ҷиноятҳоро муносибатҳои ҷамъиятӣ ва амнияти ҷамъиятӣ фаро мегирад. Аз ин лиҳоз, муносибатҳои ҷамъиятие, ки баронмаҳои зараровар ва ҳамлаҳои DoS ба онҳо зарар мерасонанд, барои ҷомеа махсусан муҳиманд, ҳимояи онҳо бояд бо чораҳои муассиртарин ва самарабахш амалӣ карда шавад.

Муҳаққиқ аз рӯйи таҳқиқоти анҷомёфта тарафи объективии ҷиноятҳо ба муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, хамлаҳои DoS)-ро дар ҳаракатҳои зерин пешбинӣ менамояд: таҳияи барномаҳои зараровари компютерӣ бо мақсади бе иҷозат нобуд ё муҳосира кардан ё тағйир додан ё нусхабардории иттилоот, ки дар система ё шабакаи компютерӣ ё дар махзани мошинҳо маҳфуз аст; даровардани тағйир дар барномаҳои вуҷуддошта бо мақсади бе иҷозат нобуд ё муҳосира кардан ё тағйир додан ё нусхабардории иттилоот, ки дар системаи ё шабакаи компютерӣ ё дар махзани мошинҳо маҳфуз аст; таҳияи барномаҳои махсуси вирусдор (ҳамчун намуди барномаҳои зараровар); паҳн намудани махзанҳои дорои барномаҳои махсуси вирусдор; аз кор баровардани дастгоҳи компютерӣ; вайронкунии шабакаҳои компютерӣ; ҳамлаҳое, ки барои қатъи шабакаҳои алоқа ва роутерҳо нигаронида шудаанд (моҳияти ин ҳамла фиристодани ҷараёни бузурги бо ном флудӣ ба компютери ҳамлашуда, яъне дархостҳои нодуруст ё моҳиятан бемаъни) мебошад.

Ба андешаи диссертант, субъекти ҷиноятҳо ба муқобили шабакаҳои

интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо метавонад шахси воқеии мукаллафи ба синни 14-сола расида бошад, зеро дар ин синну сол шахс аҳаммияти иттилооти компютерӣ, шабакаҳои компютерӣ ва ТИК-ро дарк мекунад ва қоидаву усулҳои истифодаи онҳоро медонад. Муҳимтар аз ҳама, дар шароити ҷаҳонишавӣ ва дастрасии технологияҳои гуногуни иттилооти-коммуникатсионӣ ба шахсони ҳанӯз ба синни 14-солагӣ нарасида зиёд ба мушоҳида расида, онҳо аз хатари иҷтимоии вайрон кардани қоидаҳои истифодаи технологияҳои кибернетикӣ, аз ҷумла иттилооти компютерӣ, огоҳ ҳастанд.

Боби чорум «Тавсифи ҳуқуқии ҷиноятии ҷиноятҳои бо истифода аз воситаҳои гуногуни техникӣ содиршаванда» ном дошта, аз се зербоб иборат аст (саҳ. 252-314 диссертатсия).

Диссертант дар натиҷаи таҳлили адабиётҳои соҳавӣ ба хулосае, меояд, ки ба сифати объекти ҷиноятҳои бо истифода аз воситаҳои гуногуни техникӣ содиршаванда метавонад ҳам муносибатҳои ҷамъиятӣ (масалан, дар соҳаи мубодилаи амнияти иттилооти компютерӣ) ва ҳам шахс, манфиатҳои гуногуни шахсӣ ва иҷтимоӣ (ҳаёт, саломатӣ, мукотибот, андеша ва мулоҳизаҳои шахсӣ ва дигар арзишҳои моддӣ ва ғайримоддӣ), инчунин ҳуқуқ ва манфиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки аз ҷониби қонун ҳифз карда мешаванд, баромад менамоянд.

Вобаста ба ин масъала муҳаққиқ ба, назарияи илм ва таҳкими қонунгузории ҷиноятӣ рӯ овардааст. Тавре дар рисола зикр карда шудааст, мактуби фишингӣ, кибертаъқиб, дуздии онлайнии маълумоти шахсӣ масъалаи баррасии таҳқиқоти илмии мазкур мебошанд. Аз ин лиҳоз, тарзи содир шудани ин ҷиноятҳоро дар алоҳидагӣ баррасӣ кардан мувофиқи мақсад аст, зеро тарзи содиршавии ин ҷиноятҳо бо ду роҳ сурат мегиранд: 1) ирсоли мактубҳо бо роҳи фиреб ва 2) содиршавии онҳо тавассути интернет.

Субъекти ин ҷиноятҳо ҳам умумӣ ва ҳам махсус шуда метавонанд. Ин

намуди ҷиноятҳоро метавонанд шахсоне содир кунанд, ки ТИК ва барномасозиро хуб медонанд ва бо фаъолияти умумии шабакаи интернетӣ шинос мебошанд. Маҳз ҳамин омил ба онҳо имкони содир намудани ин навъи ҷиноятро фароҳам меорад.

Боби панҷуми таҳқиқоти диссертатсионӣ «Таҳқиқи криминологии киберҷиноятҳо» ном дошта, аз се зербоб иборат мебошад (саҳ. 315-395 диссертатсия).

Диссертант иброз менамояд, ки пешгирии бомуваффақияти ҷиноятҳо танҳо дар он ҳолат имконпазир аст, ки ба шахсияти ҷинояткор диққати махсус дода мешавад. Бинобар ин, қайд кардан зарур аст, ки чунин категория, ба монанди шахсияти ҷинояткор яке аз масъалаҳои асосӣ ва муҳимми ҳамаи механизми рафтори ҷиноятӣ ба шумор меравад. Хусусиятҳои хос, ки сабаби ба амал омадани рафтори ҷиноятӣ мегарданд, бояд объекти бевоситаи чораҳои пешгирикунанда ва огоҳкунанда гарданд. Масъалаи шахсияти ҷинояткор яке аз масъалаҳои муҳимми илми криминология, қисми таркибии мавзӯи илмии мазкур ба шумор меравад. Ин мафҳум барои киберҷинояткорӣ аҳаммияти махсус пайдо мекунад, зеро ки дар ошкор ва тафтиши ҷиноятҳо он унсури ниҳоят муҳим аст.

Дар асоси таҳлилу таҳқиқи илмӣ оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии муқовимат бо киберҷиноятҳо: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ дар таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф хулосаҳои назарӣ пешниҳод кардааст, ки дар асоси онҳо тавсияҳои амалӣ коркард шудаанд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур метавонанд дар раванди минбаъдаи омӯзиш ва таҳлили мавзӯъ, тавсеаи мубориза бар зидди киберҷиноятҳо, навиштани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва ҷараёни таълим мавриди истифода қарор дода шавад. Таклифу пешниҳодҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ барои такмили раванди ҳуқуқэҷодкунӣ, қонунгузорӣ, тафсир ва татбиқи ҳуқуқӣ дар соҳаи мазкур

аҳамияти илмӣ-амалӣ доранд.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки дастовардҳо ва натиҷаҳои диссертатсия дар доктринаҳои нав баҳри ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар шароити низоми нави ҷаҳонӣ, махсусан дар низоми омодасозӣ ва бозомӯзию такмили ихтисоси мутахассисони соҳаи муқовимат бо киберҷиноятҳо метавонад муфид бошад.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Натиҷа ва дастовардҳои таҳқиқот дар мақолаҳои илмии муаллиф, ки дар маҷаллаҳои илмӣ ва матбуоти ҷумҳуриявӣ нашр гардидаанд, инъикос ёфтааст. Нуктаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияҳои илмии Донишгоҳӣ ва ҷумҳуриявию байналмилалӣ ифодаи худро ёфтаанд. Вобаста ба мавзуъ муаллиф 28 мақолаи илмӣ, ки 20-тои он дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маҷмуаи конференсияҳо, ду монография ва як воситаи таълимӣ нашр шудаанд, таълиф намудааст.

Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30- юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Эродҳо ба диссертатсия.** Дар баробари ҷанбаҳои мусбати рисола дар он баъзе ҳолатҳои баҳснок ҷой дорад. Чунончӣ:

1. Диссертант дар боби дуюми зербоби якум зикр намудааст, ки «Солҳои охир заминаи меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳамкории давлатҳо дар самти муқовимат бо киберҷиноятҳо дар сатҳи байналмилалӣ, байниҳукуматӣ ва байниидоравӣ, фаъолона инкишоф меёбад. Дар баробари ин, дар миқёси ҷаҳонӣ то ҳол механизми ягонаи ҳуқуқии ҷиноятии муқовимат бо киберҷиноятҳо дар сатҳи байналмилалӣ вуҷуд надошта, дар ин самт истилоҳоти ягона таҳия нашудааст, ки ин омил ҳамкории давлатҳоро дар ин самт мушкил месозад». Ин ақидаи муаллиф аз лиҳози илмӣ баҳснок аст, зеро ҳанӯз 23-юми октябри соли 2001 дар шаҳри Будапешт

«Конвенсияи Иттиҳодияи Аврупо оид ба киберҷиноятҳо» қабул гардидааст, ки яке аз муҳимтарин санадҳои танзимкунандаи ҳамкорӣ ва муносибатҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ дар муқовимат бо киберҷиноятҳо мебошад. Дар айни замон, Конвенсияи мазкур аз ҷониби зиёда аз 50 давлати ҷаҳон, аз ҷумла кишварҳои ғайриаврупоӣ (Австралия, Ҷумҳурии Доминикан, Канада, Маврикий, Панама, ИМА, Шри-Ланка, Япония) ба тасвиб расидааст.

2. Дар боби дуюми зербоби сеюм, муҳаққиқ тафриқагузории ҷавобгарии ҷиноятӣ барои киберҷиноятҳоро тибқи қонунгузории ҷиноятии кишварҳои хориҷӣ ба риштаи таҳлил кашидааст, ки мавқеи нисбатан бахсталабро ба миён меорад. Зеро дар зербоби мазкур тафриқагузории ҷавобгарии ҷиноятӣ барои киберҷиноятҳо тибқи қонунгузории ҷиноятии давлатҳои пасошуравӣ дар сатҳи дахлдор таҳқиқ нагардидааст.

Ҳангоми баррасии санадҳои қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ дар самти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои киберҷиноятҳо, бояд Кодекси ҷиноятии намунавии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, ки 17-уми феврали соли 1996 дар ҷаласаи пленарии VII-и Ассамблеяи байнипарлумонӣ қабул карда шудааст, ба риштаи таҳлил кашида шавад. Вобаста ба раванди дигаргуншавии соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва таъсири технолгияҳои муосир, ҳар як кишвар дар қонунгузории худ меъёрҳои алоҳидаро вобаста ба ҷавобгарии ҷинояти ҳангоми содир намудани киберҷиноятҳо муқаррар менамояд, ки то андозае аз дигар кишварҳо фарқ дорад. Аз муаллиф хохиш карда мешавад, ки ин мавқеи худро зимни ҳимояи ошкоро равшан намояд.

3. Аз таҳлили диссертатсия бармеояд, ки муаллиф чандин парвандаҳои ҷиноятиро ҳам дар масъалаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва дар самти криминологӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст, ки бештари онҳо моддаҳои 298-303 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикисторо дар бар мегирад. Аммо вобаста ба маҷмуи ҷиноятҳое, ки таркиби дигар моддаҳои

қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикисторо фаро мегиранд, омӯзиши парвандаҳои ҷиноятӣ камтар ба мушоҳида мерасад.

Мулоҳизаҳое, ки қайд гардиданд, дар умум, ҳангоми баҳодиҳии мусбати таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муайянкунандаро намебозанд ва танҳо шаҳодати он мебошанд, ки масъалаҳои баррасишаванда хеле муҳим буда, мураккаб ва баҳсноканд.

Муаллиф дар ҳалли баъзе масъалаҳо дар натиҷаи омузиши сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, адабиёти соҳавӣ ва баҳодиҳии ақидаҳои олимони гуногун нуқтаи назари муаллифии худро пешниҳод намудааст, ки ин хоси анҷомдиҳии чунин таҳқиқоти илмӣ мебошад. Мазмуни диссертатсия аз кофӣ будани пуррагии баёни мазмун ва навгонии илмӣ доштани он шаҳодат медиҳад. Муаллиф аз натиҷагириҳо хулосаҳои худро баён намудааст, ки онҳо метавонанд барои рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, саҳми сазовори худро гузоранд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми июни соли 2023, таҳти №295 ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30- юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад.

Дар диссертатсия нуктаҳои илмие ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, ки онҳо дар замони муосир навгонии илмӣ маҳсуб меёбанд. Натиҷа ва нуктаҳои навини илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд. Хулоса, таҳқиқоти диссертатсионии Давлатзода Комрон Давлат дар мавзуи «Масъалаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии муқовимат бо киберҷиноятҳо: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ» бо рузмаррагӣ ва навгониҳои худ фарқ намуда, ба талаботҳо оид

ба таҳқиқотҳои диссертатсионӣ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии
факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи
славянии Россия ва Тоҷикистон, д.и.ҳ. Абдуҳамитов В.А.

Имзои В.А. Абдуҳамитовро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои Донишгоҳи славянии
Россия ва Тоҷикистон Раҳимов А.А.
«13» 05 2024 сол

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон, 734000, ш. Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода 30; (+992) 37 221-35-50; p.rektora@mail.ru; https://www.rtsu.tj.**
**Телефон: +992 900-31-07-78**
**E. mail: valijon05@mail.ru**